Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27.07.2010 № 13/2
тасдиқ шудааст.

Низомномаи намунавӣ

оид ба бюроҳои конструкторӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, технологӣ ва иқтисодии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур фаъолияти бюрои конструктории донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низом медарорад.

1.2. Бюрои конструктории донишҷӯён (минбаъд-БКД) қисми сохтори таълимӣ- инноватсионии комплекси илмию инноватсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вазифаи звенои пайвасткунандаро байни кафедраҳо ва қисмҳои функсионалии комплекси илмӣ- инноватсонии донишгоҳ(донишкада) дар низоми ибтидоии муҳандисӣ ва конструктории тайёр намудани мутахассисони соҳаҳо иҷро менамояд.

1.3. Бюрои конструктории донишҷӯён дар назди кафедраҳои факултетҳои муассисаҳо таҳсилоти олии касбӣ бо қарори шӯрои олимон ва фармоиши ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад.

1.4. Бюрои конструктории донишҷӯён бо мақсади беҳтар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ки аз усулҳои навтарини амалӣ намудани коркардҳои констукторӣ- технологӣ бархӯрдоранд ва дар гузарондани корҳои илмиву таҳқиқотӣ, инчунин барои худамаликунии донишҷӯён шароити мусоид доранд,ташкил дода мешавад.

1.5. Бюрои конструктории донишҷӯён як қисми сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, ба сохтори идораи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дохил мешавад.

1.6. Бюрои конструктории донишҷӯён метавонад дар сохтори худ лабораторияҳо ва шӯъбаҳо дошта бошад. Ташкил, азнавтаъсисдиҳӣ ва барҳамдиҳии қисмҳои сохтории БКД бо фармоиши ректори донишгоҳ бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм амалӣ карда мешавад.

1.7. Фаъолияти БКД аз тарафи ноиби ректор оид ба илм ва раёсати корҳои илмӣ назорат карда мешавад.

1.8. Бюрои конструктории донишҷӯён кори худро дар ҳамкорӣ бо ректорат,фаултет, кафедраҳо ва дигар қисми сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил менамояд.

1.9. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ- конструкторӣ дар БКД аз тарафи донишҷӯён, магистрон ва роҳбарони илмӣ (омӯзгорон ва ходимони илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо имконияти ҷалб намудани аспирантон бо роҳҳои зерин иҷро карда мешавад:

а) дар асоси ҷамъиятӣ аз рӯйи шартномаҳо оид ба ҳамкориҳо бо ташкилотҳои гуногун;

б) аз рӯйи шартномаҳои хоҷагӣ бо ташкилотҳо;

в) аз рӯйи грантҳои ташкилоту корхонаҳо.

1.1.0. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ- технологии донишҷӯён дар БКД бояд ба амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳо, ки дар ҷараёни таҳсилот, азхудкунии амалии усулхо ва воситаҳои коркарди таҷҳизот ва технологияи онҳо дар истеҳсолот ба даст оварда шудааст, мусоидат намояд.

1.1.1. Барои тайёрии мунтазами иҷрокунандагони корҳо, баланд бардоштани тахассуси илмӣ ва техники онҳо дар БКД машғулиятҳои таълимии характери факултативӣ дошта ташкил дода мешавад.

1.1.2. БКД дар фаъолияти худ ҳуҷҷатҳои методӣ ва дастурии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳ ва Низомномаи мазкур, Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад.

1.1.3. Низомномаи мазкур ба донишҷӯён, магистрон ва аспирантоне, ки дар тамоми шаклҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ дар доираи низоми пайдарҳами таҳсилот таълим мегиранд,пешниҳод мешавад.

1.1.4. БКД бе маҳдудияти мӯҳлати фаъолият амал мекунад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои асосии фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён

2.1. Мақсади ташкил додан ва фаъолият намудани БКД аз инҳо иборат аст:

2.2. Дастгирӣ намудани фаъолияти илмӣ- таҳқиқотӣ ва илмӣ –амалии донишҷӯён, магистрони донишгоҳ, рушди ташаббусҳои илмӣ ва ҷалб намудани кадрҳои ҷавони илмӣ дар сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

2.3. Дар байни аъзоёни БКД ҳосил намудани малакаҳои фаъолияти илмӣ- таҳқиқотӣ ва илмӣ- ташкилотчигӣ, ташкили робитаҳои курсҳои таълимӣ, коркардҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ – конструкторӣ, фаъолияти истеҳсолӣ ва ташкилӣ дар доираи корҳои иҷрошавандаи буҷетӣ, шартномвӣ ва ғайра .

2.4. Беҳтар кардани сифати тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ки бо методҳои навтарин ва усулҳои амалӣ намудани коркардҳои конструкторӣ- технологӣ кор карда метавонанд ва малакаи гузаронидани маҷмӯи корҳои илмӣ- таҳқиқотиро доранд.

2.5. Таъмин намудани шароитҳои мувофиқ барои худтатбиқкунии донишҷӯён, магистрон ва аспирантон.

2.6. Бюрои конструктории донишҷӯён барои гузаронидани корҳои илмӣ- таҳқиқотии донишҷӯён ва корҳои таълимӣ – таҳқиқотии донишҷӯён, корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистрон ва аспирантон, ки давом ва рушди ҷараёни таълимӣ ва илмии кафедраҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ташкил дода мешавад,

2.7. Вазифаҳои Бюрои конструктории донишҷӯён аз инҳо иборат мебошад:

2.8. Ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ- таҳқиқотии донишҷӯён ва магистрон, ки дар дохили ҷараёни таълим ташкил дода шудааст, раванди таълимро пурра мегардонад ва бо раванди таълим мувозӣ мебошад. Корҳо дар Бюрои конструктории донишҷӯён аз тарафи аъзоёни он аз рӯйи нақшаҳои корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, нақшаи инфиродии тайёр намудани донишҷӯён, нақшаҳои инфиродии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии магистратон ва аспирантон амалӣ карда мешавад.

2.9. Ҷалб намудани аъзоёни БКД ба корҳои илмӣ- таҳқиқотии таҷрибавӣ- конструкторӣ, гирифтани дониш ва таҷриба дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ- ташкилӣ, муҳандисӣ ва истеҳсолӣ зери роҳбарии кормандони илмӣ ва мутахассисони намоёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

2.1.0. Бюрои конструктории донишҷӯён чунин вазифаҳоро иҷро карда метавонад:

2.1.1. Корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, таҷрибаи таълимӣ ва истеҳсолӣ, лоиҳаҳои курсӣ ва дипломии донишҷӯёнро ташкил ва роҳбарӣ намуда, наздик намудани шароитҳоро барои дар шароити воқеии фаъолияти истеҳсолӣ ва таҳқиқотӣ гузаронидани онҳо мусоидат намуда, аспирантон ва донишҷӯёнро барои иҷрои кори илмӣ –таҳқиқотӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии таҷрибавӣ- конструкторӣ ҷалб менамояд.

2.1.2. Барои машғул шудан ба корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ба донишҷӯён берун аз машғулиятҳо, аз он ҷумла бо пардохти музди корӣ шароит ба вуҷуд меорад. Бо кафедраҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ робитаҳои эҷодӣ барқарор мекунад.

2.1.3. Дар озмунҳои ҳарсолаи корҳои илмии донишҷӯён ва конференсияҳои илмии донишчуёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок менамояд.

2.1.4. Дар конференсияҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҳамоишҳо оид ба соҳаи БКД иштирок намуда,барои нашр намудани натиҷаҳои корҳои донишҷӯён мусоидат менамояд.

2.1.5. Вазъи бозорро меомӯзад ва эҳтиёҷоти онро дар маҳсулот ва хизматрасониҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва таълимии БКД муайян месозад.

2.1.6. Барои иҷрои корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва корҳои илмӣ- таҳқиқотии таҷрибавӣ- конструкторӣ шартнома баста, истеҳсол намудани маҳсулоти илмӣ –техникӣ ва молҳои истеъмолоти халқро амалӣ менамояд.

2.1.7. Бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷ робита барқарор намуда, онро густариш медиҳад; бо онҳо корҳои илмӣ ва таълимӣ-методии муштарак мебарад.

2.1.8. Мувофиқи харҷнома (смета)-и ҳарсола тасдиқшудаи даромад ва хароҷоти кафедра дар доираи маблағҳои ғайрибуҷавии дар ихтиёрдошта рушди иҷтимоии БКД-ро таъмин менамояд.

2.1.9. Бо ба ҳисоб гирифтани қарорҳои кафедра меъёр ва андозаи маблағҳои ғайрибуҷавӣ, ки ба фонди пардохти музди меҳнати кормандони БКД равон карда мешавад, муайян месозад.

2.1.10. Харидорӣ намудани таҷҳизот, мавод, мол ва дигар маҳсулотро, ки фаъолияти БКД-ро таъмин менамояд, гузаронда дар муҳосиботи донишгоҳ ба ҳисоби мадохил медарорад. Маводҳои арзишноке, ки аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ БКД харидорӣ намудааст, моликияти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб рафта, дар баланси кафедра ба ҳисоб гирифта мешавад.

2.1.11. Дар вақти амалӣ намудани фаъолияти худ ҳолатҳое, ки дар Низомномаи мазкур нишон дода нашудааст, БКД Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, қарорҳои Шӯрои олимон, ректор, кафедра ва қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад.

## 3.Самтҳои асосии фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён

3.1. Ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои амалӣ намудани шаклҳои иловагии таълим, фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ,рушд додани иқтидори эҷодии донишҷӯён, магистрон ва аспирантон.

3.2.Самаранок истифода бурдани иқтидори ақлонии кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва мутахассисони намоёни корхонаҳои саноатии минтақаҳо дар тайёр намудани олимони ҷавон ва кадрҳои баландихтисос.

3.3. Иштирок намудан дар кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои конструкторӣ- технологӣ барои истеҳсол намудани маҳсулоти

рақобатпазир (нақшаҳои корӣ, нақшаҳои ченаки васлкунӣ ва дастгоҳҳо, харитаи ҷараёнҳои технологӣ ва ғайраҳо) .

3.4. Ташкил додан ва фаъолона истифода бурдани пойгоҳи маълумотҳо, ки барои минбаъд барои такмил додани дастгоҳҳо зарур аст.

3.5.Тайёр намудани тавсияҳо оид ба истифода бурдани корҳои БКД дар ҷараёни таълим.

3.6. Ҷалб намудани донишҷӯён ба эҷодии муҳандисӣ, техникӣ, рушд додани ҳисси масъулият барои корҳои супоридашуда.

3.7. Кушодани саҳифаи WEB оид ба фаъолияти БКД дар шабакаи Интернет.

3.8. Иштирок намудан дар озмунҳо ва ҳамоишҳои сатҳи гуногун, ки ба самти интихобнамудаи фаъолият мувофиқат мекунад.

**4. Сохтор, идоракунӣ ва назорати Бюрои конструктории донишҷӯён**

4.1. Ба ҳайати БКД дохил мешавад:

а) шӯъбаи конструкторӣ- технологӣ;

б) шӯъбаи илмӣ- таҳқиқотии донишҷӯён.

4.2. Шӯъбаҳои нав метавонанд мувофиқи низомномаи мазкур бо дархости мудири кафедра ва баъди тасдиқи мавзӯъ ва ҳаҷми кор дар шӯъбаи корҳои таҳқиқотӣ ташкил дода шаванд.

4.3. Шӯъбаҳо ба гурӯҳои корӣ мувофиқи вазифаҳои гузошташуда тақсим мешаванд.

4.4. Роҳбарии умумӣ аз болои кори БКД аз тарафи роҳбари Бюрои конструктории донишҷӯён амалӣ ва аз тарафи ноиби ректор оид ба илм бо пешниҳоди мудири кафедра таъин карда мешавад.

4.5. Роҳбари БКД бевосита роҳбарии фаъолияти ҳамарӯзаи ташкилӣ-методии Бюрои конструктории донишҷӯёнро ба воситаи роҳбарони илмӣ оид ба самтҳои корӣ амалӣ менамояд.

4.6. Роҳбарони илмӣ оид ба самтҳои кори БКД аз тарафи муовини ректор оид ба корҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳоди мудирони кафедра аз ҳисоби кормандони кафедра, ки аз рӯйи масъалаи гузошташуда ё бобҳои алоҳидаи он лексия мехонад, инчунин аспирантон таъин карда мешаванд. Роҳбари илмӣ роҳбарии илмӣ-методиро амалӣ намуда, сиёсати кадриро мегузаронад ва иҷрои корҳои ҷориро назорат мекунад.

4.7. Роҳбари БКД ва роҳбарони илмӣ оид ба самтҳои корӣ ӯҳдадоранд:

-корҳоро мувафиқи мақсадҳои гузошташуда барои босифат тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ташкил намоянд;

- аз болои мутахассисон барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои вазифавии худ назорат барад;

-аз болои риояи техникаи бехатарӣ ҷиддӣ назорат намоянд;

- донишҷӯёни таҳқиқотчиро бо методикаи мустақилона бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ-технологӣ мусаллаҳ намоянд;

-таҳсил намудани доишҷӯён- кормандони БКБ-ро назорат намояд;

-роҳбари БКД дар назди Шӯъбаи –илмӣ-таҳқиқотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои иҷрои босифат ва саривақтии дархостҳо масъул буда, дар назди мудири кафедра, Шӯрои факулта ва роҳбари Шӯъбаи илмӣ-таҳқиқотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад ва ба қарорҳои қабулкардаи он итоат мекунад.

4.8. Барои амалӣ намудани тамоми намудҳои фаъолият муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқарраршуда бино,асбобу анҷом, компютер, техникаи зарурӣ, таҷҳизоти васлкунӣ ва парки аққали зарурии дастгоҳҳои санҷишӣ- ченкуниро ба БКД вобаста менамояд.

4.9. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ҷадвали штатҳои БКД-ро тасдиқ менамояд.

4.1.0. Салоҳияти ниҳоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбати БКД аз инҳо иборат аст:

- тасдиқ ва тағйир додани Низомномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба Бюрои конструктории донишҷӯён дар мувофиқа бо мудирони кафедраҳо;

- тасдиқ ва аз вазифа озод намудани роҳбари илмии БКД бо пешниҳоди рохбарияти кафедраи масъули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- аз нав ташкил кардан ва барҳам додани БКД ва ташкил намудани комиссияи барҳамдиҳӣ;

- дида баромадан ва тасдиқ намудани фаъолияти солонаи БКД;

-таъин намудан ва аз кор озод намудани кормандони БКД дар мувофиқа бо роҳбари илмии БКД;

- назорат бурдан аз болои тамоми фаъолияти БКД;

-дида баромадани нақшаҳои корӣ оид ба самтҳои алоҳида ва смета (харҷнома)-и даромад ва хароҷотҳо бо пешниҳоди роҳбарияти БКД;

- баровардани қарор барои ба ҷавобгарии молӣ ва ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ кашидани шахсони вазифадори БКД.

**5. Воситаҳо ва маблағгузории фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён**

5.1. Бюрои конструктории донишҷӯён дар доираи салоҳияти доштаи худ фаъолияти молиявӣ- иқтисодӣ ва хоҷагиро амалӣ менамояд, ки тибқи Низомномаи мазкур нишон дода шудааст ва дар назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои нигоҳубин ва истифодаи босамари моликияти он масъул аст.

5.2. Бюрои конструктории донишҷӯён бар мувофиқа бо мудирони кафедраҳо ва роҳбарони дигар сохторҳои қисми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси шартнома таҷҳизот ва ҳуччатдориеро, ки барои иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ- конструкторӣ зарур аст, истифода менамояд.

5.3. Фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти худи БКД бадастомада маблағгузорӣ карда мешавад.

5.4. Манбаъҳои ташкил ёфтани қисми даромади харҷномаи БКД аз инҳо иборат аст:

- манбаъҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ;

-даромадҳо аз ҳисоби амалӣ намудани корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои таълимӣ, дар асоси шартномаҳои басташуда расонда мешавад;

- аз ҳисоби манбаъҳои дигар мувофиқи харҷномаҳои тасдиқшудаи даромад ва хароҷотҳо;

- хайрияҳои ихтиёрӣ, пардохтҳои мақсаднок аз ташкилоту муассисаҳо ва шахсони инфиродӣ;

- воридоти дигар аз фаъолияти БКД, ки мувофиқи Низомномаи мазкур амалӣ карда шуда, ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ мухолифат намекунад.

5.5. Ба Бюрои конструктории донишҷӯён дар доираи нақшаҳо ва хароҷотҳо мустақилият барои истифода намудани воситаҳо, ба ғайр аз музди кор ҷудо кардан аз ҳаҷми умумии кор дода мешавад, ки барои рушд додани пойгоҳи таҳқиқотӣ ва маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳ, инчунин дар хазинаи рушди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли ҳиоб карда баромадани хароҷоти иловагӣ равона карда мешавад.

5.6. Назорат  аз болои ташкили амалиётҳои молиявии Бюрои конструктории донишҷӯёнро Шӯъбаи молиявӣ-иқтисодии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад.

5.7. Ҳисобу китоби муҳосиботӣ ва назорат аз болои маблағгузории Бюрои конструктории донишҷӯёнро  шӯъбаи муҳосибот ва назорати молиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ менамояд.

**6. Пардохти музди меҳнати кормандон ва донишҷӯён**

6.1. Пардохти музди меҳнати омӯзгорон, ки барои роҳбарӣ намудан аз болои корҳои шартномавии БКД ҷалб карда шудаанд, бо тартиби қабулшудаи дохили муассисаи таҳсилоти олии касбии хамкорони штатӣ пардохт мешавад.

6.2. Мукофотонидани кормандони БКД мувофиқи Низомномаи амалкунанда оид ба мукофотонидани кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои бомуваффақият иҷро намудани кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ- технологӣ амалӣ карда мешавад.

6.3. Пардохти музди меҳнати донишҷӯён аз рӯйи тартиботи муқарраршуда амалӣ мешавад.

**7. Ҳуқуқҳои донишҷӯён ва кормандони Бюрои конструктории донишҷӯён**

7.1. Донишҷӯёне, ки дар таҳсил кӯшишу ғайрати баланд доранд ва дар Бюрои конструктории донишҷӯён фаъолона кор мекунанд, метавонанд аз рӯйи нақшаи инфиродии аз тарафи мудири кафедра тасдиқгардида машғулият намоянд.

7.2. Донишҷӯён бо розигии мудири кафедра метавонанд, аз рӯйи мавзӯъҳо корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, курсӣ ва дипломиро иҷро намуда, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ гузаранд.

7.3. Донишҷӯёне, ки дар Бюрои конструктории донишҷӯён кор карда нишондиҳандаҳои хуби истеҳсолӣ ва таълимӣ нишон медиҳанд, метавонанд ба корхонаҳои истеҳсолӣ мувофиқи касби гирифта ва малакаҳо дар фаъолияти конструкторӣ ба кор фиристода шаванд.

7.4. Донишҷӯёни курсҳои болоӣ (магистрҳо), ки дар  Бюрои конструктории донишҷӯён кор карда ихтисоси заруриро ба даст овардаанд, метавонанд роҳбари самтҳои алоҳидаи фаъолияти БКД таъин карда шаванд.

7.5. Донишҷӯёне, ки дар Бюрои конструктории донишҷӯён кор карда майлу рағбат ба кори илмӣ зоҳир намудаанд ва нишондиҳандаҳои хуби корӣ доранд, мувофиқи тартиботи муқарраршуда метавонанд ба аспирантура тавсия карда шаванд.

7.6. Кори омӯзгороне, ки роҳбари корҳои донишҷӯён дар Бюрои конструктории донишҷӯён ба ҳисоб мераванд, дар нақшаи инфиродии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 8. Барҳам дода шудани фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён

8.1. Бюрои конструктории донишҷӯён дар чунин ҳолатҳо метавонад барҳам дода шавад:

- ғайриқаноатбахш будани натиҷаҳои ҷамъбастии корҳои илмӣ-таҳқиқотии гузаронидашуда ва нишондиҳандаҳои молиявӣ- иқтисодӣ;
- бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- дар ҳолати азнавташкилёбӣ ва барҳам дода шудани муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- вайрон кардани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

8.2. Тартиби барҳам дода шудани фаъолияти Бюрои конструктории донишҷӯён аз тарафи комиссияи барҳамдиҳӣ, ки аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст. амалӣ карда мешавад.